# Рӯзи таъсисёбии ҲХДТ муборак, ҳамсафони азиз!

Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

НАШРИ МАХСУС

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№48 (640), 10 декабри соли 2025

Нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон

## ҲХДТ. АЗ ВАҲДАТ ТО РУШДИ УСТУВОР!



Мардуми шарафманди кишвар ба ғояҳои созандаи ҳизб эътимоди қавӣ доранд, зеро он дар сафи пеши созандагию бунёдкорӣ ва ташаббускориҳо қарор дорад, ки барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум равона гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

# АЗ ИДЕЯИ МИЛЛӢ ТО НЕРУИ СОЗАНДАИ ДАВЛАТДОРӢ

**Идеяи таъсиси Ҳизби Халқии Тоҷикистон, ки ифодагари ҳадафҳои олии давлатдорӣ ва ормонҳои мардуми кишвар мебошад, дар оғози соли 1993 аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардид.**



Бо мақсади амалӣ намудани ин ташаббуси таърихӣ, рӯзи 12 июни ҳамон сол Кумитаи тадорукотии таъсиси ҳизб ташкил шуд. Аъзои Кумита, ки пайравони содиқи Роҳбари давлат буданд, таҷрибаи ҳизбҳои бонуфузи ҷаҳониро, аз ҷумла Ҳизби демократии Русия, Ҳизби сотсиал-демократии Олмон, Ҳизби демократии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва дигар ҳаракатҳои сиёсии муосир мавриди омӯзиш қарор дода, ба натиҷае расиданд, ки ҳизби тоҷикон бояд дорои моҳияти халқӣ ва демократӣ бошад.

Аз рӯзҳои нахустини фаъолияти ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси он таъкид менамуданд, ки ҳадафи асосии ин ҳизб - таъмини манфиатҳои иҷтимоии мардум, ҳифзи ваҳдат, сулҳ ва рушди устувори Тоҷикистон мебошад. ҲХДТ дар тӯли 31 соли фаъолияти худ ба як неруи муассири сиёсӣ табдил ёфта, дар рушди ҷомеа, таҳкими давлатдории миллӣ ва боло бурдани маърифати сиёсиву шаҳрвандии мардум нақши калидӣ бозидааст.

Сарвари давлат бо дарназардошти зарурати ифодаи ҳадафу ормонҳои ҳамаи қишрҳои ҷомеа, шахсан раванди таъсиси Ҳизби Халқии Тоҷикистонро назорат намуда, ҳар як санади ташкилии онро мавриди омӯзиши амиқ қарор медоданд ва пешниҳодҳои муфиди худро барои такмилёбии онҳо ироа мекарданд. Маҳз ҳамин масъулиятшиносӣ ва диди созандаи Пешвои миллат буд, ки меъёрҳои демократӣ ҳамчун пояи асосии Оиннома ва Барномаи ҳизб қабул гардиданд.

Санаи 10 декабри соли 1994 Анҷумани муассисони ҳизб бо қабули қарор оид ба таъсиси расмии Ҳизби Халқии Тоҷикистон, Оиннома ва Барномаи онро расман тасдиқ намуд. Дар пайи ин, рӯзи 15 декабри ҳамон сол Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами №199 ҳизбро ба таври расмӣ сабти ном кард.

Соли 1995 нахустин аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Тоҷикистон дар асоси санадҳои қабулшуда ба фаъолияти сиёсиву ҷамъиятӣ пардохта, бо садоқат ва масъулияти баланд ҳизби навтаъсисро дар миёни ҷомеа муаррифӣ намуда, заминаи густариши минбаъдаи онро фароҳам оварданд.

## ДАВРАИ ТАҲКИМИ СУЛҲ ВА ТАШАККУЛИ ҲИЗБИ СИЁСӢ

Дар солҳои минбаъда аъзои Ҳизби Халқии Тоҷикистон дар пайравӣ аз сиёсати сулҳпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, эҳёи сохторҳои давлатӣ ва тарғиби ғояҳои пешқадами ҷомеа нақши созгор гузоштанд.

Санаи 30 марти соли 1996 Анҷумани II Ҳизби Халқии Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он масъалаҳои муҳими марбут ба вазъи кишвар, нақши зиёиён дар раванди сулҳи тоҷикон ва дигар масъалаҳои муҳими ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ҷараёни омодагиҳо ба Имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ (санаи 27 июни 1997), Анҷумани III ҳизб баргузор гардид ва ба номи он вожаи "Демократӣ" илова шуд. Ҳамин тавр, ҳизб расман Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ном гирифт.

Сипас, санаи 18 апрели соли 1998 Анҷумани IV ҲХДТ баргузор гардид ва дар он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расман Раиси ҳизб интихоб шуданд.

## ҲХДТ - НЕРУИ СОЗАНДА ДАР ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ

Дар тӯли фаъолияти 31-солаи худ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пайваста дар Анҷуманҳо ва ҷаласаҳои Кумитаи Иҷроияи Марказӣ масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ, стратегӣ ва дурнамои рушди ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор дода, барои татбиқи ҳадафҳои созанда қарорҳои амалӣ қабул намудааст.

ҲХДТ ҳамчун як неруи бонуфузи сиёсӣ аз рӯзҳои нахустини таъсисёбӣ дар партави сиёсати созандаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба масъулияти баланд ва зарфияти зеҳнии аъзояш, ба як омили муҳим дар раванди созандагиву пешрафти Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Ғояҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва мақсадҳои стратегии ҲХДТ аз ҷониби ҷомеа васеъ дастгирӣ ёфта, дар рафъи мухолифатҳои дохилӣ, баркарории сулҳ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва бунёди давлатдории навин нақши калидӣ бозидаанд.

Аз замони таъсисёбии ҲХДТ то имрӯз дар Тоҷикистон ҳафт маротиба интихоботи парлумонӣ (солҳои 1995, 2000, 2005, 2010, 2015, 2020, 2025) ва чаҳор маротиба интихоботи президентӣ (солҳои 1999, 2006, 2013, 2020) баргузор гардидааст. Дар ҳамаи ин маъракаҳои муҳими сиёсӣ ҲХДТ мавқеи пешсафонаи худро нигоҳ дошта, номзадҳояш бо дастгирии қавии мардум пирӯзиро ба даст овардаанд.

## ҲХДТ - ҲИМОЯТГАРИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби пешбарандаи ҷомеа дорои сохтори мукаммал, барномаи давлатмеҳвар ва шеваи фаъолияти мушаххаси сиёсӣ мебошад. Ҳизб масъулияти бузурги таърихиро ба дӯш дошта, дар баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ, ташаккули фарҳанги ватандорӣ ва тақвияти ризоияти иҷтимоӣ ва нақши созандаро иҷро мекунад.

ҲХДТ пайваста талош менамояд, то шаҳрвандонро ба ҳалли масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ҷалб намуда, манфиатҳои тамоми қишрҳои ҷомеаро новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ, мансубияти миллӣ ё динии онҳо ҳимоят кунад.

Ин ҳизб бар он аст, ки татбиқи ғояҳои муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ҳамзамон бо эҳёи анъанаҳои беҳтарини миллӣ, фарҳангӣ ва таърихии миллати тоҷик амалӣ гардад. ҲХДТ ҳама гуна ифротгароӣ, таассуби динӣ, экстремизм ва терроризмро қотеъона маҳкум карда, мубориза бо ин зуҳуроти хатарнокро вазифаи доимии худ мешуморад. Ҳадафи асосии ҲХДТ баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди иқтисод дар асоси шаклҳои гуногуни моликият, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муттаҳид сохтани тамоми қувваҳои солимфикри ҷомеа мебошад.

## ҲХДТ - ҲИЗБИ ТАШАББУСКОРУ МАРДУМӢ

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо тамоми ҳизбҳои сиёсие, ки дар асоси Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи кишвар фаъолият доранд, ҳамкории созандаро ба роҳ мондааст. Ин ҳамкорӣ ба таҳкими фазои сиёсии устувор ва пешбурди ҷомеаи демократӣ мусоидат менамояд. Имрӯз, ҲХДТ бо ташаббусҳои навоварона ва иқдомҳои созандаи худ, таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нуфузу эътибори бештар касб намуда, дар миёни халқ ба як неруи боэътимоди сиёсӣ табдил ёфтааст. Сол то сол эътимоди мардум ба ин ҳизби мардумӣ ва давлатсоз меафзояд, зеро он манфиатҳои умумимиллӣ ва ормонҳои ҷомеаро бо диди воқеӣ ифода менамояд.

**Зебо ИКРОМЗОДА,**
**"Ҳамрози халқ"**

# ТАНТАНАИ РӮЗИ ТАЪСИСЁБИИ ҲХДТ ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА

**Дар Муассисаи давлатии “Қасри ҷумҳуриявии фарҳанги Данғара” бахшида ба 31-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамоиши тантанавӣ таҳти унвони “ҲХДТ – маҳсули мактаби сиёсии Пешвои миллат!” баргузор гардид.**



Дар чорабинӣ Каримзода Мирзоқосим, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Саломзода Сиҷоуддин, раиси ноҳияи Данғара, Ҳусейнзода Наврӯз, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Сайдализода Садриддин Дӯстӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара, инчунин фаъолон, роҳбарони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва аъзои ТҶҶ “Созандагони Ватан” иштирок доштанд.

Пеш аз оғози ҳамоиш меҳмонон аз намоиши китобҳои Пешвои миллат дидан карданд.

Сипас, ҳамоишро Сайдализода Садриддин ифтитоҳ бахшида, ҳозиринро ба ифтихори Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон табрик намуд.

Саломзода Сиҷоуддин, раиси ноҳия дар баромади худ нақши созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар даврони соҳибистиқлолӣ бузург арзёбӣ намуда, зикр кард, ки ин ҳизб дар тӯли 31 соли фаъолият бо пуштибонӣ аз сиёсати Пешвои миллат ба як неруи муайянкунандаи ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар табдил ёфтааст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳама марҳилаҳои таърихӣ собит сохт, ки аз халқ будаасту ба нафъи халқ амал менамояд.

Дар идома Каримзода Мирзоқосим, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон кулли аъзо ва ҷонибдорони ҳизбро ба ифтихори Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон табрику шодбош гуфта, аз ҷумла иброз дошт, ки саҳифаҳои дурахшони таърихи давлатдории навини тоҷикон таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далели возеҳанд, ки мақом ва ҷойгоҳи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон бориз мебошад.

Қайд гардид, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба хиради олии сиёсӣ, сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ ва маънавиёти баланди аъзои худ такя намуда, донишу маҳорати онҳоро барои амалӣ гардонидани ғояҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои барномавии хеш сафарбар менамоянд. Ҳамчунин ба таҳкими истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат мусоидат мекунад.

Дар фарҷом ба як қатор фаъолони ҳизб, ки дар татбиқи ҳадафҳои Оиннома ва барномаҳои ҳизб саҳми арзандаи худро гузоштаанд, медали 30-солагии ҲХДТ, Сипосномаи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва сипосномаи Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҲХДТ тақдим карда шуда, барномаи фарҳангии фарҳангчиён пешкаши ҳозирин гардонида шуд.

# ИФТИТОҲИ БИНОИ ИЛОВАГИИ ТАЪЛИМӢ ДАР ДЕҲАИ БАҲОРИ НОҲИЯИ ЁВОН




**6 декабр, узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии ҲХДТ, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни сафари корӣ ба ноҳияи Ёвон дар деҳаи Баҳори Ҷамоати деҳоти Норин бинои иловагии таълимиро дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55 ба истифода доданд.**

Иншооти нав ҳамчун иқдоми муҳим дар самти беҳтар намудани шароити таълим дар деҳа бунёд гардида, имконият фароҳам меорад, ки хонандагон дар муҳити муосир ва шароити беҳтар таҳсил намоянд.

Бинои иловагӣ аз ду ошёна иборат буда, дорои 9 синфхона мебошад. Он барои қабули 500 хонанда дар ду баст тарҳрезӣ шуда, ҷавобгӯи талаботи замонавии муассисаҳои таълимӣ аст. Бо ифтитоҳи ин бино мушкили камбуди ҷойҳои нишаст дар мактаб коҳиш меёбад ва раванди таълиму тарбия бо сатҳи баландтар ба роҳ монда мешавад.

Ин иншоот бо саҳми сокинони маҳаллӣ ба маблағи 1,4 миллион сомонӣ бунёд гардидааст. Барои пурра ба истифода додани он мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия саҳми намоён гузошта, бино бо мизу курсӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин карда шудааст.

Ифтитоҳи чунин иншооти иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки ба соҳаи маориф ва беҳсозии шароити таҳсил дар минтақаҳои гуногуни вилояти Хатлон таваҷҷуҳи хосса дода мешавад.

Ин иқдом барои баланд бардоштани сатҳи таълим ва фароҳам овардани муҳити мусоиди омӯзишӣ барои хонандагон мусоидат хоҳад кард.

Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни мулоқот бо омӯзгорону хонандагон таъкид намуданд, ки барои омӯхтани забонҳои хориҷӣ, иштирок дар озмуну олимпиадаҳо ва баланд бардоштани обрӯву эътибори Ватан ҳамеша саъю кӯшиш намоянд.

Раиси вилоят саҳми сокинонро дар корҳои созандагиву бунёдкорӣ баланд арзёбӣ намуда, иқдоми мазкурро намунаи олии ватандӯстӣ маънидод карданд.

Ҳамин гуна раванди босуботи корҳои созандагиву ободонӣ дар ҳама ҷамоати шаҳраку деҳоти ноҳияи Ёвон бомаром идома дошта, сол аз сол бо мавриди истифода қарор гирифтани даҳҳо иншооти самту соҳаҳои гуногун барои таъмини рӯзгори шоиставу босаодати сокинон заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# ЧОРАБИНИИ СИЁСӢ-ФАРҲАНГӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ТАЪСИСЁБИИ ҲХДТ

**8 декабр дар толори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон чорабинии сиёсӣ-фарҳангӣ баргузор гардид.**





Дар чорабинӣ Зарина Давлатзода, мудири шуъбаи кор бо занон ва масъалаҳои гендерии Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, Анзурат Абдусаломзода, муовини раиси вилояти Хатлон, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Афзал Юсуфзода, муовини аввали раиси шаҳри Бохтар, Ташрифзода Амиралӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар, Аҳмадҷон Ализода, раиси Шурои собиқадорони ҲХДТ дар вилояти Хатлон, муовинони раис, кормандони Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб, раисони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар шаҳри Бохтар иштирок доштанд.

Мавриди зикр аст, ки чорабинии сиёсӣ-фарҳангӣ бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Нахуст, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб суханронӣ намуда, ҳозирин ва дар симои онҳо тамоми ҳизбиёнро ба муносибати Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон шодбош гуфт. Аз ҷумла қайд кард, ки 10-уми декабри соли 1994 Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таъсис ёфта, ин санаи муборак барои тамоми ҳизбиён гиромӣ мебошад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҳсули андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб рафта, дар солу замоне ба саҳнаи сиёсат ворид гардид, ки дар кишвар раванди таҳкими рукнҳои давлатдорӣ ва мафкурасозии ҷомеа дар руҳияи барқарорсозии пайомадҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳамзамон ҷараёни музокироти сулҳ ва таҳкими оромиву суботи ҷомеа оғоз гардида буд.

Таҷрибаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар замони соҳибистиқлолии кишвар нишон медиҳад, ки сиёсати сулҳҷӯёнаву бунёдгарой ва татбиқи собитқадамонаи ҳадафҳои оинномавию барномавии ҲХДТ, ки аз эҳсоси баланди масъулиятшиносиву зарфиятҳои зеҳнии аъзо ва ҷонибдорони он сарчашма мегирад, асоси муваффақиятҳои ҷомеа ва давлати соҳибистиқлоли мо дар арсаи созандагиву бунёдкориҳо ва рушду нумуи Тоҷикистони азиз гардидааст.

Имрӯз ҳизбиёни вилояти Хатлон дар радифи масъулиятҳои муҳими идоравӣ ва иҷрои дастуру супоришҳои Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамвора бо иқдомҳои навоваронаву ташаббусҳои ояндасоз дар рушду пешрафти ҷомеа, таблиғу ташвиқи сиёсати давлатӣ ва ҳадафҳои ҲХДТ саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд.

Сипас, Анзурат Абдусаломзода, муовини раиси вилояти Хатлон зимни баромади хеш ҳозиринро аз номи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, хосса раиси вилоят Давлаталӣ Саид ба ин санаи муборақи таъсисёбии ҲХДТ табрику таҳният намуд. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи Истиқлоли кишвар буда, аз умқи тафаккури мардум реша мегирад. Он аз рӯзи аввали таъсисёбӣ ҳимояи манфиатҳои халқро ҳадафи асосии худ қарор дода, барои зиндагии босаодати миллат ва ободии Ватан зери шиори “Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон” талош меварзад.

Хушбахтона, имрӯз дар заминаи Истиқлоли давлатӣ, ваҳдати комил ва дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вилояти Хатлон бо талошу заҳматҳои сокинону ҳизбиёни шарафманд ба сӯи комёбиҳои беназир гомҳои устувор гузошта истодаанд. Ташаббусҳои ҳизбӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят хеле назаррас арзёбӣ мегардад. Бояд қайд намоям, ки ҳизбиён қувваи бузурги идеологӣ буда, дар маҳалҳо мардумро аз ҳолати воқеии норасоии қувваи барқ огоҳ намоянд, илова кард Анзурат Абдусаломзода.

Зимнан, Зарина Давлатзода, мудири шуъбаи кор бо занон ва масъалаҳои гендерии Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ сараввал паёми табрикии муовини якуми Раиси муаззами ҲХДТ Маликшо Неъматзодаро ба ҳизбиёни вилояти Хатлон расонида, таманнои неки роҳбарияти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ-ро ёдовар шуд. Давлатзода Зарина дар идома иброз дошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти хешро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, дар ин давра ба натиҷаҳои муайян ноил гардидааст. Мақсади асосии ҲХДТ дар ҳаёти сиёсии кишвар ҷиҳати таҳкими давлати соҳибихтиёру демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона, инчунин рушди устувори иқтисодӣ, таъмини зиндагии осоиштаи мардум ва ташаккули тафаккури миллӣ равона карда шудааст. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз ҳизбҳои пешоҳанги ҷомеа буда, имрӯз ба як неруи қудратманду тавоно табдил ёфтааст ва саҳми он дар ҳама самту соҳаҳо ва паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа бузургу барҷаста мебошад.

Афзал Юсуфзода, муовини раиси шаҳри Бохтар ва Аҳмадҷон Ализода, раиси Шурои собиқадорони ҲХДТ дар вилояти Хатлон оид ба моҳияту тавонмандӣ ва ташаббусҳои наҷиби Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маърӯза намуда, ҳозиринро ба 31-солагии таъсисёбии ҲХДТ табрик намуданд.



Дар қисмати охири чорабинӣ ба як қатор фаъолони ҳизб медалҳои ҷашнии 30-солагии ҲХДТ, Ифтихорнома, Сипосномаҳои Кумитаи Иҷроияи Марказӣ, вилоятӣ ва шаҳрии ҲХДТ ва ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, ки дар ҷамъбасти озмуни “Беҳтарин ташкилоти ибтидоӣ” ғолиб дониста шуданд, бо туҳфаҳо ва сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар қадршиносӣ карда шуданд.

**«Ҳамрози халқ»**

# ҲХДТ-ҲИЗБЕ БО РИСОЛАТИ ВАТАНСОЗӢ

**«ҲХДТ - Ҳизбе бо рисолати ватансозӣ» таҳти ҳамин унвон 4 декбар дар Қасри фарҳанги ноҳияи Дӯстӣ бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон чорабинии сиёсӣ-фарҳангӣ доир гардид.**



Дар чорабинӣ, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Нишонзода Даврон Назаралӣ, раиси ноҳия, Ҳамидзода Абдулҳафиз, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, раисони ташкилотҳои ибтидоӣ, аъзои фаъол ва собиқадорони ҳизб иштирок доштанд.

Нахуст, чорабинии сиёсӣ-фарҳангиро Ҳамидзода Абдулҳафиз, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ оғоз бахшид.

Сипас, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб суханронӣ намуда, ибрoз дошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҳсули андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар масири бунёди давлати демократӣ ва кишвари амну осоишта роҳбарию роҳнамоӣ мекард. Ба ин мақсад аз соли аввал ин ҳизби навтаъсис аҳамияти халқию демократӣ дошта, марому ҳадафҳои пешгирифтаи Раиси муаззами ҳизб аз самтҳои иҷтимоии ҷомеа маншаъ мегирифт.

Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон гуфта буданд, ки: «Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - зодаи даврони Истиқлоли кишвар буда, аз умқи дили мардум реша мегирад ва он ҳимояи манфиатҳои халқро ҳадафи асосии худ қарор дода, барои садоқати халқ ва ободии Ватан саъю талош меварзад».

Дӯстӣ аз ноҳияҳои пешсаф дар иҷрои дурнамои пахта ва даъвати тирамоҳии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусалаҳи кишвар мебошад, ки ҳамаи ин дастовардҳо аз корбарии хуби раиси ноҳия, аъзои фаъоли ҳизб ва мардуми сарбаланду ватандӯсти ноҳия дарак медиҳад, илова кард, Саидзода Ҷамшед Ҳамро.

Нишонзода Давраон, раиси ноҳияи Дӯстӣ зимни баромади худ ибрoз дошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тӯли 31 сол зери роҳбарии Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи пурпечутобро тай намуда, имрӯз ба як неруи қудратманду тавоно табдил ёфтааст ва саҳми он дар ҳама самту соҳаҳо ва паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаи мо бузургу барҷаста мебошад. Маҳз ҳамин талошҳои Раиси муаззами ҳизб ва аъзои фаъоли ин ҳизби пешсаф аст, ки дар тамоми гӯшаву канори мамлакат, аз ҷумла дар ноҳияи Дӯстӣ корҳои созандагию бунёдкорӣ баръало эҳсос мешавад.

Баъд аз баромади ҳайати меҳмонон, Саидзода Нурмуҳаммад, собиқадори ҳизб ва Муродова Замира, аъзои ташкилоти ибтидоии «Ҳокимият» ба муносибати таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маърӯзаҳо намуданд.

Дар қисмати дигари чорабинӣ фаъолони ҳизб, ки дар татбиқи ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштаанд, бо сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи вилоятӣ ва ноҳиявии ҳизб ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия сарфароз гардонида шуданд.

**«Ҳамрози халқ»**

---

# БО ҲХДТ БА СӮИ ОЯНДАИ ДУРАХШОН ВА БОСАОДАТ

**5 декабр, бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб ба муносибати 31-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Конференсияи сиёсӣ таҳти унвони “Бо ҲХДТ ба сӯиояндаи дурахшон ва босаодат” баргузор гардид.**

Дар конференсия Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Назарзода Бахтиёр Худоёр, раиси шаҳри Кӯлоб, Салим Сайвализода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр, аъзои Раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ ва собиқадорони ҳизбу меҳнат дар шаҳр, фаъолон ва аъзои ТҶҶ “Созандагони Ватан” иштирок намуданд.

Пас аз садо додани Суруди миллӣ конференсияро Салим Сайвализода оғоз намуда, зикр кард, ки ҲХДТ чун ҳизби даврони истиқлолият ҳамвора бо давлати тозабунёду соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар тӯли мавҷудият рушду нумӯъ кард.

Сипас,Назарзода Бахтиёр Худоёр, раиси шаҳри Кӯлоб ба сухан баромада ибрoз дошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби пешбарандаву ташаббускор ва муттаҳидкунандаи мардуми кишвар барои расидан ба ормонҳои миллӣ бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шуда, то имрӯз дар саҳнаи сиёсии кишвар мавқеи пешсафро ишғол мекунад ва ба як қувваи асосии сиёсӣ ва такягоҳи муҳими ҷомеа табдил ёфтааст.

Дар идома Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб суханронӣ намуда, нахуст иштрокчиён ва дар симои онҳо тамоми аъзо ва ҷонибдорони ҳизбро ба ин санаи муборак табрик намуда, ибрoз дошт, ки дар ҳақиқат Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии сиёсӣ бо диду назари нав ба майдони сиёсат омад ва тавонист худро бо ҳадафҳои созандаву бунёдкорона ва ватандӯстонаву ватанпарварона ба мардум ба таври арзанда муаррифӣ намояд. Роҳи тайнамудаи ин ҳизби пешоҳанги ҷомеа ҷиҳати поягузории идеологияи давлатдории миллӣ роҳи мушкилу пурпечутоб, аммо бошарафона буд. Дар ин муддат ҲХДТ борҳо ҳизби халқ будани худро дар амал собит кард.

Ҳасан Шоинов, омӯзгори Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, Холматов Баҳром, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Олимон” дар бораи нақши ҲХДТ дар татбиқи амалии ҳадафҳои стратегӣ ва фаъолияти самарабахши соҳибкорӣ ибрози андеша намуданд.

Дар охир ба Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи



иҷроияи вилоятии ҳизб медали “80-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945” ва сипосномаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб, ҳамчунин, ба раиси шаҳри Кӯлоб Назарзода Бахтиёр Худоёр, сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон тақдим карда шуд.

Ҳамзамон, як қатор аъзои ҳизб, собиқадорони ҲХДТ бо ифтихорма ва сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи вилоятӣ ва шаҳрии ҳизб қадршиносӣ карда шуданд. Ҳамин тавр дар фазои тантанавӣ ба якчанд нафар ҷавонони фаъол, ки ба тозагӣ ба сафи ҲХДТ шомил гардиданд, шаҳодатномаҳои ҳизбӣ супорида шуд.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**“Ҳамрози халқ”**

# ҒАЙБУЛЛО АВЗАЛОВ: ҲХДТ ВА ОРМОНҲОИ ҲАЗОРСОЛАИ МИЛЛАТ



Дар ҳамин раванди таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ ва ҳамовозии сокинони мамлакат аз азму талошҳои Сарвари давлат ҷиҳати баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан, тақозои созмони мардумие ба миён омада буд, ки ба хотири ояндасозиҳо дар кишварамон тамоми неруҳои зеҳнии ҷомеа ба ҳам оварда шаванд. Ғайбулло Авзалов аз зумраи нахустин пайравони бунёдгузори давлати тозаистиқлол маҳсуб меёбад, ки ба сафи ин неруиояндасоз пайваста, дар таҳкими рукнҳои давлатдорӣ ва рушду пешрафти минбаъдаи он хизмати шоён бинмудааст. Айни замон ба симмати раиси Шурои куҳансолони Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар тарғиби сиёсати давлатӣ ва ҳадафу барномаҳои оинномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон саҳми худро гузошта истодааст.

Ба бахти мардуми шарифи Тоҷикистон дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз миёни вакилони мардумӣ шахсияте ба вазифаи Раиси Шурои Олӣ таъйин гардид, ки бо Паёми сулҳофарини худ халқро сарҷамъ намуда, Тоҷикистонро аз парокандагӣ наҷот бахшид,- иброз дошт дар оғози суҳбат Ғайбулло Авзалов.

- Дар он марҳилаи ниҳоят ҳассосу тақдирсоз, ки Тоҷикистон дар асоси нахустин Конститутсияи давронисоҳибистиқлолӣ ҳамчун кишвари соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эътироф гардида, ба мардум таъмини зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро кафолат дод, аҳзоби сиёсӣ ҷавобгӯи талаботи замон набуд. Бодарназардошти ин ва дигар ҳадафҳои ояндасозӣ Сарвари ҷавони мамлакат тасмим гирифтанд, ки ҳизби нави сиёсӣ таъсис дода шавад.

- Ҳамин сон, як гурӯҳ ҳамсафони Президенти мардумӣ баъди омӯзиши таъриху масири тайнамудаи аҳзоби сиёсии кишварҳои пешрафтаи олам санаи 10-уми декабри соли 1994 Ҳизби навинро таъсис доданд, ки дар оғоз Ҳизби Халқии Тоҷикистон ном дошт. Баъдан, ин неруи пешбарандаи ҷомеа Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ном гирифт ва дар Анҷумани IV он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси ҲХДТ интихоб гардид. Вақт собит намуд, ки Барномаву ҳадафҳои пешгирифтаи ҳизби зодаи Истиқлол аз умқи ниёзҳои мардум маншаъ гирифта, ифодагари орзуву ормонҳои ҳазорсолаи халқи тоҷик буда, маҳз дар масири амалисозии ин ҳадафҳо ҲХДТ миёни мардум маҳбубият пайдо кардааст.

Даврони рушду ташаккули ин неруиояндасози ҷомеа ва тарғиби сиёсати давлат, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ ва дар амал татбиқ гардидани андешаҳоиояндасози Сарвари давлат, ки аз барномаву ҳадафҳои оинномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ҳамзамон дар Мактаби сиёсии Президенти Тоҷикистон садҳо тан ҳаммаслакон ва насли ҷавони кишварамон ҳамчун кадри лаёқатманд тарбияву обутоб ёфтаанд,- иброз медорад Ғайбулло Авзалов.

**Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар солу замоне ба арсаи сиёсат ворид гардид, ки мардуми Тоҷикистон бо эътимоду боварӣ ва меҳру садоқат атрофи Президенти тозаинтихоби кишвар сарҷамъ гардида, баҳри бартараф намудани харобаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарорсозии соҳаҳои фалаҷгардидаи хоҷагии халқ камари ҳиммат баста буданд.**

– Азбаскӣ, баъди Иҷлосияи таърихӣ лозим омада буд, ки ҳокимияти навро таъсис диҳем, инҷониб ба вазифаи муовини раиси вилояти Хатлон таъйин шудам. Пас он, ба симмати раиси Кумитаи Хоҷагии ҷангали вилояти Хатлон ва аз соли 2000-ум раиси ноҳияи Дӯстӣ. Баъдан дар интихоботи миёнадаврӣ соли 2002 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ интихоб гардидам.

- Раванди таъсиси Кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳо ва ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар деҳу маҳаллаҳои дурдаст як достони дигаре аз саъю талоши пайравони Роҳбари давлат ҷиҳати муаррифии ҳизби роҳбарикунанда миёни ҷомеа ва фаъолгардонии самти таблиғу ташвиқи сиёсати давлатӣ мебошад. Ёд дорам замони ҳамчун раиси вилояти Хатлон фаъолият доштанам, нахустин шуда, биноҳои кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ-ро дар баъзе шаҳру ноҳияҳои вилоят бунёд карда шуд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар як шароити ниҳоят вазнин, бо тақозои замон ва азму иродаи бузурги Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфта, дар шебу фарози пешбурди давлатдорӣ як мактаби беназири сиёсиро паси сар намуд. Аз ин рӯ, вазифаву масъулияти ҳизбии ҳар яки мо собиқадорону фаъолони ин неруи созандавуояндасоз аст, ки зимни қабули хоҳишмандон ба сафи ҲХДТ пеш аз ҳама, ба донишу малака, поктинативу маҳорати ташаббускории онҳо таваҷҷуҳ намоем. Аъзои ҲХДТ дар баробари масъулиятҳои ҳизбӣ, иҷрои дастуру супоришҳои роҳбарияти олии ҳизб мебояд дар корҳои ҷамъиятӣ, ҳаллу фасли мушкилу масоили ҳалталаби ҷомеа низ нақши пешоҳангӣ дошта бошад. Зеро мақому обрӯи ҲХДТ аз фаъолияти рӯзмарраи ҳар нафар аъзои он маншаъ мегирад. Аз сӯи дигар, талаботи замони муосир асту ҳам дар барномаи ҲХДТ омадааст, ки ҳизби пешбаранда ба тарбияи наслиояндаи ҷомеа таваҷҷуҳи беҳад зоҳир менамояд. Ин аст, ки тӯли чанд соли охир, бо ташаббуси бевоситаи Роҳбари давлат дар самти бунёди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва Марказҳои рушди кӯдак, сохтмону азнавсозии мактабу синфхонаҳо корҳои ниҳоят бузург анҷом дода шудааст.

Ба андешаи ходими давлатӣ Ғайбулло Авзалов, маҳз таъсис ва роҳандозӣ гардидани Маркази миллии Тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат фасодро аз байн бурд ва ҳоло ҷавонон вобаста ба сатҳи донишу лаёқати худ ба муассисаҳои олии таълимӣ роҳ меёбанд. Илова бар ин, бо таъсиси Квотаҳои президентӣ ҳазорон тан ҷавонони рустоҳои дурдаст ба таҳсилоти олӣ фаро гирифта шуда истодаанд. Дар ин давра, шумораи муассисаҳои олии таълимӣ дар кишварамон аз 13 ба 48 адад расида, омори донишҷӯён аз 77 ҳазор ба 213 ҳазор зиёд гардидааст. Айни замон 43 ҳазор ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷ аз кишвар таҳсил доранд, ки аз ин 10 ҳазор нафарашон ҷавондухтарон мебошанд. Маврид ба ёдоварист, ки аз давраи баъди воҳӯрии Пешвои миллат бо ҷавонон, ки дар ҷумҳурӣ 1000 майдончаи варзишӣ ва клубҳо фаъолият доштанд, имрӯз шумораи он ба 11 ҳазор расидааст. Ҳамзамон, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии ҷавонон" дар татбиқи барномаву стратегияҳои рушди ҷавонон ва ҳалли тамоми масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷавонон нақши муассир гузошт.

Дастоварди дигар дар ҷодаи илму ҳунаромӯзӣ татбиқи барномаи давлатӣ оид ба касбомӯзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки имрӯз дар заминаи таъсиси Марказҳои касбомӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат фаъолгардии бесобиқаи ҷомеа ба корҳои ҷамъиятӣ ва болоравии сатҳи иҷтимоии аҳолӣ баръало мушоҳида мешавад. Дар умум бо ҳидоятҳои хирадмандонаи Президенти кишвар, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо дар арсаи амалисозии ҳадафи меҳварии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон-таъмини зиндагии шоиста мардум қадамҳои устувор гузошта истодаем.

Ғайбулло Авзалов зимни суҳбат атрофи нақши меҳварии ҲХДТ дар таблиғу ташвиқи сиёсати давлатӣ, маърифатнокии ҷомеа ва пешгирии ҷавонон аз падидаҳои номатлуби ҷаҳони муосир иброз дошт, ки фаъолияти ҳизбиён дар самти корҳои таблиғотӣ, роҳандозӣ гардидани суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо сокинон, воҳӯриҳои дар сатҳи кӯчаву маҳалаҳо ва "Хона ба хона" муҳимтарин василаи дар амал иҷро гардидани дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ин самт бояд дар ҳамдастӣ бо фаъолони ҳизбӣ, инчунин, собиқадорони меҳнат, зиёиён ва шахсиятҳои обрӯманди маҳалҳо низ ҷалб карда шаванд, ки сухани созандаву андешаҳои ватандӯстонаашон дар ташаккули афкори ҷомеа таъсиргузор аст.

- Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон созмонҳои зодаи даврони Истиқлоли кишвар мебошанд, ки дар таҳкими ғояи сулҳу ваҳдати миллӣ дар ҷомеа, татбиқи сиёсати пешгирифтаи Пешвои муаззами миллат як рисолатро бар зимма дошта, дар ин масири пурифтихор ҳамкории зич доранд. Биноан, дар арафаи таҷлил аз санаи таърихии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамватанони азизамонро табрику таҳният гуфта, дар масири татбиқи сиёсати давлатӣ, мафкурасозӣ дар ҷомеа ва амалисозии ҳадафҳои бузурги ватандорӣ, яъне, бунёди ҷомеаи солим, ободониву созандагиҳо ва таъмини зиндагии шоистаи мардум ба якояки ҳамсафонамон муваффақиятҳои беназир орзумандам.

**Ҷамолиддин УСМОНИЁН,**
**"Ҳамрози халқ"**

# ҲХДТ-ҲИЗБИ ПЕШОҲАНГИ ҶОМЕА

**Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия бахшида ба Рӯзи таъсисёбии ҲХДТ Конференсияи адабӣ таҳти унвони “Нақши ҲХДТ дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ” доир гардид.**



Дар конференсия Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Амирзода Маҳмуд Ҳамид, раиси ноҳия, Қосимӣ Назокат Шералӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, собиқадорони ҳизбу меҳнат, раисони ташкилотҳои ибтидоӣ ва аъзои ТҶҶ “Созандагони Ватан” иштирок доштанд.

Нахуст, меҳмонон аз дастовардҳои ҷавонон ва хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия дидан намуда, барои иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва ғолиб гаштан ба онҳо баҳои баланд доданд.

Конференсияро Қосимӣ Назокат, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ оғоз бахшид.

Амирзода Маҳмуд Ҳамид, раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ибрoз дошт, ки имсол ҲХДТ ба 31 соли фаъолияти пурбаракат қадам мениҳад. Дар тӯли ин солҳо ҲХДТ ҳамчун неруи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ тавонист бо барномаҳои дурбинона ба ҳадафҳои ободкоронааш ба қалбу зеҳни мардум роҳ ёфт.

Дар идома, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб суханронӣ намуда, иштирокчиёнро бо Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон табрику муборакбод намуд.

Зимни баромади хеш Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб ибрoз дошт, ки ҲХДТ маҳсули андеша ва ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар масири бунёди давлати демократӣ ҳуқуқбунёд ва дунявӣ раҳнамоӣ намуд. Бо чунин маром аз аввали таъсисёбӣ ҲХДТ моҳияти халқию демократӣ дошта, марому ҳадафҳои пешгирифтаи Раиси муаззами ҳизб аз самтҳои иҷтимоии ҷомеа сарчашма мегирад.

Ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз ноҳияҳои пешсаф дар иҷрои дурнамои пахта ва даъвати тирамоҳии ҷавонон ба сафи Артиш мебошад, ки ҳамаи ин дастовардҳо аз корбарии хуби аъзои фаъоли ҳизб ва мардуми ватандӯсти ноҳия дарак медиҳад.

Ҳалимзода Муҳаммадовуд ва Салимов Маҳмадёқуб собиқадорони ҳизб ва ҷавонон ба муносибати таъсисёбии ҲХДТ маърӯзаҳо намуданд.

Дар қисмати дигари чорабинӣ як қатор фаъолони ҳизб бо Ифтихорнома ва Сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи вилоятӣ ва ноҳиявӣ, ҳамзамон аз МИҲД-и ноҳия сарфароз гардонида шуданд.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**“Ҳамрози халқ”**

# ҲХДТ-ҲАМРОЗУ ҲАМНАВОИ ХАЛҚ

**Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давоми солҳои фаъолияташ бо ибтикору ташаббусҳои созанда ва стратегияву барномаҳои вусъатманду дурнамои хеш, воқеан ҳам ба як мактаби бузурги сиёсӣ табдил ёфтааст. Нақш ва мақоми ин мактаб дар амалӣ намудани ғояҳои бузурги низоми давлатдории миллӣ бисёр муҳиму барҷаста аст.**



10 декабри соли 2025 аз таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки маҳсули андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, 31 сол сипарӣ мешавад. Мурури ин солҳо ин ҳизби пешоҳанги ҷомеа бо идеяҳои созандаи хеш тавонист дар тамоми гӯшаву канори мамлакат мардумро дар канори худ муттаҳид ва барои анҷом додани корҳои созандагиву бунёдкорӣ раҳнамун созад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба хотири пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Баъд аз хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ мардум дар ҳолати ногувор қарор доштанд, яке фарзанду дигаре падару модаррашро аз даст дода буданд. Норасоии маводи ғизо дар саросари мамлакат ҳукумфармо буд. Барои руҳияи миллатро шод кардану мардумро ба ояндаи рӯшан ва анҷом додани корҳои созандагӣ раҳнамун сохтан, сохторе лозим буд. Хушбахтона, ҲХДТ аз ҳамон лаҳзаи таъсис ёфтанаш то инҷониб ҳамрозу ҳамнавои халқ мебошад. Мо, ҳизбиён дар солҳои душвор ба дурдастарин деҳаҳо рафта, паёмҳои неку ояндасози Роҳбари давлат, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба мардум мерасондем,-мегӯяд Сафар Халилзода, яке аз собиқ раисони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ховалинг.

Ба андешаи Сафар Халилзода, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон субoти сиёсӣ ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолиро асоси иродаи озоди мардум дониста, барои пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояи истиқлолият ва озодиро таҳким бахшида, барои пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ, рушду нумуи иқтисодиёт, илму фарҳанг ва дар маҷмӯъ, давлатдории миллӣ саъю талош менамояд.

Сафар Халилзода, солҳои 1997-2004 ба ҳайси котиби масъул ва муовини озоди раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг фаъолият кард. Дар он солҳо дар ин ноҳияи дурдаст ҳамагӣ 3 ташкилоти ибтидоӣ ва шумораи аъзои ҳизб 28 нафарро ташкил медод. Шароити корӣ набуд, мардум чандон ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ боварӣ надоштанд. Дар он солҳо бо мардум кор кардану таблиғот бурдан хеле душвор буд, зеро дар қалби мардум захмҳои дардманди ҷанги шаҳрвандӣ ҷой дошт. Ягона яроқи асосии мо ҳизбиён сухани созандаи Раиси муаззами ҳизб буд, ки дар миёни мардум таблиғот бурдем ва тавонистем, ки дар якҷоягӣ ба ин рӯзҳои шоду осоишта бирасем,-илова кард ӯ.

Фаъолияти самарабахши Кумитаи иҷроияи ҳизб дар ноҳияи Ховалинг бо мурури солҳо натиҷаи хуб дод, то соли 2000 ташкилотҳои ибтидоӣ ба 23 адад ва сафи аъзои ҳизб ба зиёда аз 700 нафар расид. Ҳоло шумораи ташкилоти ибтидоӣ 70 адад ва аъзои ҳизб бошад, 4843 нафарро ташкил медиҳад. Мардуми меҳнатдӯсту заҳматкаши ноҳияи кӯҳистони Ховалинг ба ташаббусҳои неку созандаи Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати фароҳам овардани истиқлолу озодӣ, ваҳдату якдилӣ ва шароити зиндагии хубро дарк намуда, ба сафи аъзои ҳизби пешоҳанг шомил гардиданд.

Имрӯз ҳаёти сиёсии кишварро бидуни иштироки Ҳизби Халқии Демок-ратии Тоҷикистон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро дар тамоми шохаҳои ҳокимият намояндагони ҳизби мо фаъолияти пурсамар доранд,- бо шарафмандӣ мегӯяд, собиқадори ҳизб.

Мавриди зикр аст, ки дар заминаи Истиқлоли давлатӣ, рушди иқтисодиёти мамлакат ва таваҷҷуҳи бевоситаи Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 августи соли 2019 ҳизбиёни ноҳияи Ховалинг соҳиби бинои маъмурӣ гардиданд. Роҳбари давлат ҳамеша таъкид мекарданд, ки бо мардум бошем ва бо мардум якҷоя кор кунем. Маҳз суханони пандомӯзи Пешвои миллат ва муҳаббату самимиятам ба ҳизб ва кишвари азизам - Тоҷикистон буд, ки 25 сол ба ҳайси раиси Кумитаи иҷроияи ҳизб дар ноҳия фаъолият кардам,-гуфт С. Халилзода.

Маҳз фаъолияти 25 солаи ҳизбӣ барои Сафар Халилзода боиси фараҳмандист, то кунун ба раисони ҷавоне, ки дар арсаи сиёсат ворид мешаванд, тавсияҳои судманд медиҳад. Гоҳҳо дар чорабиниҳову воҳӯриҳои ҳизбӣ даъват шуда, аз рӯзҳои сахту сангине, ки ба сари миллати тоҷик омада буд, ёдоварӣ карда, онҳоро ба хешу таборӣ, тифоқӣ ва созандагию бунёдкорӣ даъват мекунад. Сафар Халилзода бо медали “Хизмати шоиста” ва медали ҷашнии “30-солагии ҲХДТ” сарфароз гардидааст.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**«Ҳамрози халқ»**

# ҲХДТ-ҚУВВАИ БУЗУРГИ СИЁСӢ ВА ОМИЛИ ДАВЛАТСОЗӢ



Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки дар партави ормонҳои бузурги миллӣ ва бо такя ба афкори дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфтааст, дар тули 31 соли фаъолият ба як неруи тавонои сиёсӣ мубаддал гаштааст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо ташаббусҳои созанда ва рақобати солим тавонист дар таҳкими пояҳои давлатдории навини тоҷикон нақши муассир гузорад.

Аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳама давру замон, бахусус дар марҳилаҳои ҳассоси сиёсиву таърихии кишвар ғояҳои ватандӯстонаи Пешвои миллатро дастгирӣ намуда, бо бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташаккули афкори солим ҷомеаро ба сафи ҳизб ҷалб карданд. Онҳо тавонистанд беҳтарин фарзандони диёрро муттаҳид созанд ва неруи созандае барои рушди Ватан эҷод намоянд.

Мардум бо дарки сиёсати хирадмандонаи Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шоҳидии талошҳои пайгиронаи ин фарзанди фарзонаи миллат дар роҳи ба пой хезондани давлат ва таҳкими сулҳу ваҳдат, бо эҳсоси гарми ватандӯстӣ ба сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пайвастанд. Имрӯз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон на танҳо як сохтори сиёсӣ, балки мактаби воқеии тарбияи кадрҳо, неруи ташкилдиҳандаи ҷомеа ва рамзи ваҳдату пешрафти миллат ба ҳисоб меравад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 31 сол аст, ки бо қадамҳои устувор дар масири эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона пеш меравад.

Дар ин муддат ҳизб бо амалишавии нақшаву барномаҳои созанда ва сиёсати мардуммеҳвариаш нишон дод, ки неруи воқеии рушди ҷомеа ва пуштибони манфиатҳои мардум мебошад. Саҳми ин ҳизби бонуфуз дар бунёди иншооти муҳими иҷтимоӣ, дастгирии қишрҳои ниёзманд, тарбияи ҷавонони ватандӯст ва таҳкими ваҳдати миллӣ шоистаи таҳсину эътироф аст. Тавре шоир фармудааст:

*Ин ҳизб, Ҳизби Халқии*
*Демократии мост,*
*Оинаи сафову садоқат*
*ба наслҳост.*

Имрӯз мардуми сарбаланди кишвар бо боварии комил ба сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат бо иродаи қавӣ ва умеди дурахшон ба оянда дар паҳлуи ин ҳизби созанда қарор доранд. Пешвои миллат - Сарвари фозил ва ҷавонмардест, ки тамоми талошу заҳматаш барои рушди Ватан ва саодати мардум равона шудааст.

Мо, бовар дорем, ки таҳти шиори «Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон» Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар оянда низ бо неруи бузурги сиёсӣ ва маънавии худ мардумро ба сӯи фардои обод раҳнамоӣ мекунад.

**Назокат ҚОСИМӢ, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ**

# ҲХДТ-ҲИЗБИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ



Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун зодаи даврони соҳибистиқлолӣ бо мақсади ифодаи азму иродаи мардуми шарифи кишвар таъсис ёфта, дар асоси рисолати мардумсолорӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, худшиносӣ ва созандагӣ дар ҷомеа ҷойгоҳи сазоворро касб намудааст.

Маҳз зери роҳбарии Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин неруи сиёсӣ тавонист қишрҳои мухталифи ҷомеаро, ки дар давраи душвори баъдиҷангӣ дар ихтилоф қарор доштанд, сарҷамъ созад ва миллатро аз давлати миллӣ маҳруммондаро ба соҳибдавлатӣ расонад.

Бо дарназардошти таҳаввулоти сиёсии ҷаҳонӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, имрӯз ба таври равшан эҳсос мегардад, ки танҳо як ҳизби сиёсӣ бо мафкураи солим ва барномаи амиқи давлатдорӣ метавонад ҳидоятгари воқеии равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ гардад.

ҲХДТ маҳз чунин ҳизбест, ки бо такя ба сиёсати созандаи Пешвои миллат, дастгирии мардум ва нақшаҳои мушаххаси рушд ба тарбияи маънавии ҷомеа, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум равона гардидааст.

Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Бист қадами созанда», бахшида ба 20-солагии таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо эҳсоси баланди масъулият ва эҳтиром ба таърихи ҳизб менависанд: «Ба хотири мардуми азияткашидаамон ин ҳизбро таъсис додем. Мо ба хотири Ваҳдати миллӣ дар сафҳои ин ҳизб ҳам коммунистон, ҳам демократҳо, ҳам аъзои растохезу, ҳам диндорон, ҳам фронти халқиву ҳам намояндагони аҳзоби мухталифро пазируфтем. Зеро ғояи аслии ҳизби мо, ки дар давраи ҷангу ҷидол ҳамчун як қувваи сиёсии муътадил ба вуҷуд омада буд, пеш аз ҳама ваҳдати миллӣ буд. Мо барои ғояҳои гурӯҳии худ аз ҳадафҳои миллӣ даст кашида наметавонистем. Мо бо мардум будем, мардум бо мо буд».

Ин гуфтаҳо ҷавҳари аслии таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва рисолати он дар замони ҳассоси таърихиро баён менамоянд. Маҳз бо чунин ҷаҳонбинӣ ва диди васеъ Пешвои миллат тавонистанд тамоми қишрҳои ҷомеаро гирди як ҳадафи муқаддас - ваҳдати миллӣ ва бозсозии давлат муттаҳид созанд.

Тайи 31 соли фаъолият Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби созандаву бунёдкор тавонист ба як неруи воқеии сиёсӣ ва такягоҳи мардум табдил ёбад. Таҷрибаи кишварҳои мутараққии ҷаҳон низ гувоҳ аст, ки маҳз ҳизбҳои сиёсӣ воситаи муҳимми ташаккул ва рушди ҷомеа буда, бо барномаҳои муназзам ва замонавии худ ормонҳои мардумро амалӣ месозанд.

Бо наздик шудани ҷашни муқаддаси 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар саросари кишвар рӯҳи созандагиву бунёдкорӣ боло гирифтааст. Ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ ба як майдони амалии иқдомҳои созанда табдил ёфтааст. Сокинони меҳнатқарину ватандӯсти ноҳия, аз ҷумла аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо ҳисси баланди масъулият ба истиқболи ин санаи бузург саҳм мегузоранд.

Ин ҳама гувоҳи он аст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҷомеа на танҳо як неруи сиёсӣ, балки як мактаби тарбия, ҳидоят ва хидмат ба халқу Ватан мебошад.

Имрӯзҳо кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ фаъолияти худро ба таҳкими ғояҳои сулҳу ваҳдат, ватандӯстӣ, худшиносӣ ва рӯҳияи созандагиву бунёдкорӣ равона намуда, дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва таблиғотиро густариш дода истодаанд.

Маҳз ҳамин масъулиятшиносӣ ва садоқат ба Ватан аст, ки мардуми меҳнатқарини ноҳия, аз ҷумла кормандони ҳизбӣ дар сатҳи маҳал бо шеваҳои муассир дар пешбурди ҷомеаи муттаҳид, ваҳдатшиор ва ватансоз саҳми арзанда мегузоранд.

**Ҷомӣ КАБИРЗОДА, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Ҳамадонӣ**

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Таҳти рақами 412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид**, раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро**, раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков**, саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.

